# Дарсад – фисад - фоиз [1]

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 1 Январ, 2017 - 11:11

Ин се вожа ва ё истилоҳ махсуси форсӣ, дарии Афғонистон ва забони тоҷикӣ дониста мешавад, ки корбурди онҳо дар забонҳои ёдшуда чунин аст: форсии Эрон — дарсад, дарии Афғонистон — фисад, тоҷикӣ — фоиз. Дар «Луғати русӣ — тоҷикӣ» (дар алифбои лотинӣ, Сталинобод соли 1934) вожаи русии «процент» 1.prosent, foiz; 2. Sadjak маънӣ шудааст. Дар «Луғати русӣ — тоҷикӣ»-и соли 1949 истилоҳи русии «процент» ва дар забони тоҷикӣ бо вожаҳои «фоиз» ташреҳ гардидаанд. Яъне дар ин фарҳанг ҳамон меъёри «Луғати русӣ — тоҷикӣ»-и соли 1934 такрор оварда шуда, аммо маънои дувуми «процент» sadjak аз луғати соли 1934 дар луғати соли 1949 ворид нагардидааст. Ҳамчунон ки мебинем, дар луғатҳои русӣ ба тоҷикии солҳои 1934 ва 1949 истилоҳи русии «процент» дар ҷойи аввал қарор дошта, дар ҷойи дувум «фоиз» оварда шудааст. Аммо дар «Луғати русӣ — тоҷикӣ»-и соли 1985 истилоҳи русии «процент» бо вожаҳои «фоиз» ва «дарсад» маънӣ шуда, дар ин луғат «фоиз» дар ҷойи аввал ҳамчун вожаи асосӣ дар дарҷи ин маъно ёд гардидааст. Дар ҳамин луғат истилоҳи «процент» ҳамчун иқтибоси русӣ (аз лотинии procentum) аз меъёри забони тоҷикӣ хориҷ карда шудааст.

Ҳамчунон ки аз фарҳангҳои дузабона ва осори дигари забони тоҷикӣ пайдост, истилоҳи «процент» низ дар забони мо солҳои тӯлонӣ якҷо бо истилоҳи «фоиз» мавриди истифода будааст, ки баъдан ба вожаи «фоиз» иваз шудааст.

Намунаи мисолҳо ва шоҳидҳо низ дар ин луғат бо вожаи «фоиз» ба кор рафтаанд. Ба таври мисол: «простые проценты-фоизи сода; сложные проценты — фоизи мураккаб; выполнить план на сто процентов — планро сад фоиз иҷро кардан». Дар забони ӯзбекӣ — фоиз (foiz). Корбурди вожаи «фоиз» дар забони тоҷикӣ бар асоси кадом вижагиҳои ин истилоҳи арабӣ дар ҳавзаи забони тоҷ икӣ сурат гирифтааст, дақиқ нест. Истифодаи вожаи мазкур, асланба солҳои 30-юм дар мисоли «Луғати русӣ — тоҷикӣ» дар алифбои лотинӣ иртибот мегирад.

Дар фарҳангномаҳои куҳани форсӣ аз ду вожаи арабии «фоиз» дар навишти (ف ائ ز (ف ای ز ва ё ва «дарсад» маънии ба ض ائ фва ز ائ ف иртиботи мавриди Дар .мешавад ёд ض ای ف) ض ائ ف) «фисад» ба чанде аз фарҳангномаҳо метавон муроҷиат кард. Дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муҳаммад Муъин (дар 6 ҷилд, чопи даҳум, Теҳрон 1375) чунин омадааст:

- .фотеҳ ,ғолиб ,пирӯз ,пирӯзиёбанда ;растагор ,растагоршаванда.1 (ز ائ ف арабӣ) ز ای ف
- фоиз шудан ( ز ای ف شدن) 1. халос шудан, наҷот ёфтан, растагор гаштан; 2. ба коми дил расидан; 3. даст ёфтан; 4 истинбот кардан; 5. ғалаба кардан;
- фоиз кардан (ز ای ف ردن ک) 1. расондан ба чизе; 2. ба мурод расонидан, муваффақ кардан.
- пас ки ,обе 3 ;файзрасонанда ,файздиҳанда .2 ;фурӯрезанда .1 (ض ائ ف арабӣ) ض ای ف аз пур шудани зарф ё ҳавз аз атрофи он фурӯ резад; 4. вофир, саршор, лабрез.

Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо (ҷ.11) ин ду вожа чунин ташреҳ шудаанд:

- فيروزيابنده ;ёфта даст хайр ба ,раҳошуда (р)шар аз ,раҳоиёбанда — ز ائ ف
- фирӯзёбанда ;ёфта даст хайр ба ,раҳошуда (р)шар аз ,раҳоиёбанда — ز ائ ف (Онандроҷ); фоиз шудан — халос шудан, наҷот ёфтан; ба коми дил расидан, даст ёфтан, касб кардан, ғалаба кардан.
- .диҳанда файз — ض ای ف/ ض ائ ف

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969):

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

- ف ا ئ ز 1. расанда, комёбшаванда, муваффақ; 2 раҳоёфта, растагор.
- ف ا ئ ض 1. аз зарф ё дигар чизи берун резанда, саршор, лабрез, фаровон, бисёр, вофир; 2. файзбахш; 3. файзёб, фоидаовар.

Дар «Фарҳанги арабӣ — тоҷикӣ»-и доктор Саидраҳмон Сулаймонӣ ин ду вожаи арабӣ чунин маънӣ шудаанд:

- ف ا ئ ز — пирӯз, ғолиб; бобарор, комёб.
- فض ائ — равон, ҷорӣ, лабрез, фаровон, бисёр, барзиёд, зиёдатӣ, аз андоза беш.

Дар «Луғати нимтафсирии тоҷикӣ»-и устод С.Айнӣ (Куллиёт, ҷ.12) вожаи арабии фоиз (ف ا ئ ض) чунин маънӣ шудааст:

1. некӣ бисёрдиҳанда, баракатдиҳанда;
2. нисбати ададҳо дар сад (маънии дувум термини ҳисоб).

Дар иртибот ба ин вожа метавон аз як назари забоншиноси Афоғонистон Равон Фарҳодӣ дар пажуҳиши эшон таҳти унвони «Забони тоҷикии Мовароуннаҳр» ёд кард, ки он чунин аст: «фоиз (ف ا ئ ض)- фисад, дар сад, аслан аз туркии фиюз (ی ف وز ی) -юз ба маънии сад, дар забонҳои турк ӣ иштибоҳан фоиз нигошта мешуда (имрӯз дар Мовароуннаҳ просент мегӯянд, ки аз русӣ омада ва русӣ онро аз лотинӣ гирифтааст)» (с.94).

Истилоҳи «дарсад», ки дар забони форсӣ ба кор меравад, бар пояи осори забони порсии дарӣ устувор гардидааст. Далел ва шоҳиди ҷолиб дар мавриди «дарсад»-ро метавон аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ пайдо кард. Истилоҳи вижаи «дарсад» дар «Шоҳнома» ба гунаи «сад андар сад» ба маънои «ба тамомӣ, комилан» як маротиба ба кор рафтааст, ки ин байт намунаи он аст:

Сад андар сад ин дашт ҷойи ман аст,
Баландосмонаш ҳавои ман аст. (Шоҳнома, ҷ.2, с.96).

Ҳамин як шоҳид аз «Шоҳнома» дар «Луғатнома»-и Деҳхудо омада, ки он чунин маънӣ шудааст:
сад андар сад — мунҳасиран, танҳо, холис, вижа, сад дар сад (Луғатнома ҷ.10).

Ин шоҳид ва далели ҷолиб, ки фарҳангномаҳои форсӣ зикр кардаанд, дар «Фарҳанги забони тоҷ икӣ» (соли 1969) ёд нашудааст.

Ба таваҷҷуҳ ба фарҳангномаҳо ва осори гузашта пажуҳишгарони осори порсии дарӣ бинобар «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ аз истилоҳи ноби дарии «дар сад», ки он идома ва ё гунаи «андар сад» аз қолаби «сад андар сад», баъдан «сад дар сад» мебошад, истифода карда ва «дар сад»-ро ҳамчун истилоҳи вижа барои забони форсӣ пазируфтаанд. Ин истилоҳ ҳам дар фарҳангномаҳои форсӣ ва ҳам дар фарҳангномаҳои дузабонии форсӣ ба хориҷӣ ба таври яксон мавриди истифода қарор дода шуда ва то ба имрӯз ин истилоҳи дорои собиқаи таърихӣ дар забони форсӣ ҳамчун вожаи воҳид бидуни ҳеҷ гуна баробарии дигар ба кор меравад.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (соли 1969) вожаҳои «дарсад» ва «фисад» аслан истифода нашудаанд. Ҳол он ки «дар сад» ҳамчун сохтаи порсии дарӣ ё тоҷикӣ дар ин фарҳанг бар асоси маводи фарҳангномаҳои муътабар бояд ҳатман ворид ва муаррифӣ мешуд. Истилоҳи «дарса д» дар «Фарҳанги русӣ ба форсӣ»-и Р.А.Галунов (Москва, 1937) дар шарҳи «процент — фаръ» чунин омадааст: «20 процентов — sad-i bist, bist dar sad».

Дар «Луғати русӣ — тоҷикӣ»-и соли 1985 дар шарҳи истилоҳи русии «процент» пас аз вожаи «фоиз» истилоҳи «дарсад» низ оварда шудааст, аммо ин истилоҳ дар муқобили «фоиз» мавриди корбурд қарор нагирифтааст.

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

Акнун дар марҳилаи кунунии рушди забони миллӣ дар мақоми забони давлатӣ лозим аст, то ба хотири гиромидошти арзишҳои таърихӣ ва риояи суннату меъёрҳои забони миллӣ дар корбурди луғоту истилоҳоти забонамон бархӯрди тоза намоем.

Дар ҳар маврид дар сурати корбурди вожаи «дарсад» ҳамчун мероси забони миллӣ зарурати истифодаи ҳеҷ гуна луғоту истилоҳоти иқтибос аз забонҳои дигар дар мисоли «фисад», «фоиз» ва ё «просент» вуҷуд надорад. Аз ин рӯ лозим аст, то забони миллӣ дар пояи арзишҳои фарҳанги миллӣ арҷгузорӣ шавад. Бо ин далел «дарсад» аз вожаҳои хеле муносиб дар қолаби забони форсӣ -тоҷикӣ бар ивази «фоиз» буда, имрӯз ин вожаи ноб ва асили забонро метавон бар ивази вожаи машкуки «фоиз» истифода кард.

Феҳристи манобеъ

Айнӣ С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ. Куллиёт, ҷилди 12. Душанбе, 1976.
Восканян Г.А. Фарҳанги русӣ ба форсӣ. -М, 1986.
Галунов Р.А. Русско-персидский словарь. Дар ду ҷилд. -М, 1937.
Луғати русӣ — тоҷикӣ. (Зери таҳрири С.Айнӣ, С.Р.Ализода, А.Исмоилзода, Раҳим Ҳошим ва Муҳаммадҷон Юсуфӣ). Дар ду ҷилд.- Сталинобод, 1933-1934.
Луғати русӣ-тоҷикӣ. (Зери таҳрири А.Деҳотӣ ва Н.Н.Ершов).-М, 1949.
Луғати русӣ-тоҷикӣ. (Зери таҳрири А.П.Деҳотӣ ва Н.Н. Ершов). М. — Сталинобод, 1949.
Луғати русӣ-тоҷикӣ. (Зери таҳрири М.Осимӣ). -М., 1985.
Луғатномаи Деххудо. Ҷилди 10. -Теҳрон, 1377.
Фарҳанги арабӣ — тоҷикӣ. Саидраҳмон Сулаймонӣ- Душанбе, 2010.
Фарҳанги забони тоҷикӣ. (Зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капронов, Р.Ҳошим, Н.А.Маъсумӣ). Дар ду ҷилд. -М, 1969.
Фарҳанги «Шоҳнома». Бо кушиши Алии Равоқӣ. Дар ду ҷилд. -Теҳрон, 1390.
Фарҳанги форсӣ. (Таълифи Муҳаммад Муин). Дар шаш ҷилд.- Теҳрон, 1375.
Фарҳодӣ Р. Забони тоҷикии Мовароуннаҳр.- Кобул, 1360.

Д.Саймиддинов

## Баҳодиҳии муҳтаво:

Select rating Ҳоло баҳо надорад

Rate

Категория:

- Мақолаҳо [2]
- Фаъолият [3]

**Манбаъ::**http://www.istilohot.tj/tg/content/darsad-fisad-foiz?page=65

**Пайвандҳо**
[1] http://www.istilohot.tj/tg/content/darsad-fisad-foiz [2] http://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%BC%D0%B0%D2%9B%D0%BE%D0%BB%D0%B0%D2%B3%D0%BE [3] http://www.istilohot.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE%D0%BB%D0%B8%D1%8F%D1%82

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона